# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26.08.2026, №90**

Барои сазовор донистани Олимбекзода Фахрия Олимбек, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, санаи 19 июни соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №113 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Олимбекзода Фахрия Олимбек, 15-уми октябри соли 1995 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Олимбекзода Фахрия Олимбек унвонҷӯйи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Олимбекзода Фахрия Олимбек соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисод ва идораи сайёҳӣ хатм намудааст. Олимбекзода Фахрия Олимбек соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2023 хатм кардааст.

Дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №(02)-07/989 аз 24.10.2025с. оид ба гирифтани иҷозат барои супоридани фарқиятҳои академӣ барои унвонҷӯёне, ки ихтисоси магистриашон ба соҳаи илмии диссертатсияи омодакардааш мувофиқат намекунанд, Олимбекзода Фахрия Олимбек бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон № 407-05 аз 24.10.2025с. шаш фарқият аз рӯйи ихтисоси 1-250104 молия ва қарз супоридааст.

Мавзуи диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар ҷаласаи Шурои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 28 октябри соли 2023, протоколи № 03 тасдиқ шудааст.

Олимбекзода Фахрия Олимбек имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 5 (аъло), суратҷаласаи №4 аз 27.02.2024, таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб), суратҷаласаи №34 аз 15.12.2023 дар ДМТ ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло), суратҷаласаи №110 аз 16.09.2025 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Ғаюров Ғайрат Ҳакимович**– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара;

**- Икромӣ Нуриддин Қиём** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон -** дар тақризи худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва суғурта Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва суғурта баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №1, аз 05.08.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор, Назарзода Хайрулло Холназар санаи 06.08.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Олимбекзода Фахрия Олимбек сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризашаванди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### *А. Интишорот дар нашрияҳои ба Рӯйхати маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда*

[1–М]. Худоиева Ф.О. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба танзими давлатии бахши бонкӣ [Матн] / Ф.О. Олимбекзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022 . – №7. – С.77–84; ISSN 2413-5151.

[2–М]. Олимбекзода, Ф.О. Таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ [Матн] / Ғ.Ҳ. Ғаюров, Ф.О. Олимбекзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 8. – С.45–52; ISSN 2413-5151.

[3–М]. Олимбекзода, Ф.О. Масоили тақвияти хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои мамлакат [Матн] / Ф.О. Олимбекзода // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №11. – С.67–73; ISSN 2413-5151.

[4–М]. Олимбекзода, Ф.О. Гурӯхбандии хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ [Матн] / Ф.О. Олимбекзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №7. – С.61–68; ISSN 2413-5151.

[5–М]. Олимбекзода, Ф.О. Такмили низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити иқтисодӣ [Матн] / Ф.О. Олимбекзода // "Паёми молия ва иқтисод"– и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. – 2024. – №3. – С.42–55.

[6–М]. Олимбекзода, Ф.О. Таснифот ва сохтори хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар низоми [Матн] / Ф.О. Олимбекзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – № 4. – С. 125–131; ISSN 2413-5151.

[7–М]. Олимбекзода, Ф.О. Масоили рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар таҷрибаи хориҷӣ [Матн] / Ф.О. Олимбекзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – № 2. – С. 57–62; ISSN 2308-054X.

[8–М]. Олимбекзода, Ф.О. Баррасӣ ва таҳлили тамоюли рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.О. Олимбекзода // Идоракунии давлатӣ. –2025. – №2. – С. 78–82; ISSN 2664-0651, ISSN 2709-8537.

***Б. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо***

[9–М]. Худоиева Ф.О. Пути повышения конкурентоспособности кредитных организаций в условиях высокого риска [Матн] / Худоиева Ф.О. // Конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500 – солагии Саразми бостонӣ», «700– солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020–2040)». – Душанбе. – 2020. – С. 627–628.

[10–М]. Худоиева Ф.О. Пути повышения эффективной деятельности коммерческих банков в Республике Таджикистан [Матн] / Худоиева Ф.О. // Материалы международной научно–практической конференции, МИсСИС, 2020г. (солҳои 2020–2040). – Душанбе. – 2020. – С. 287–293.

[11–М]. Худоиева Ф.О. Нақши низоми рейтингии "Camels" дар самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ [Матн] / Ф.О. Олимбекзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ". – Душанбе, 5 октябри соли 2021. – С.175-182.

[12–М]. Гаюров, Г.Х., Худоиева Ф.О. Влияние банковского финансового потенциала на развитие национальной экономики [Матн] / Г.Х. Гаюров, Ф.О. Олимбекзода // Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамовой. – Симферополь. Общество с организаченной ответственностью "Издательство Типография Ариал", – 2022. – С. 164–167.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Тақриз аз Қурбонзода М. Р. –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** бо чунин эрод:

1. Агар муаллиф таҷрибаи муқоисавии кишварҳои пешсафро дар самти хизматрасониҳои бонкии васеътар таҳлил намуда сифати кор хубтар мешуд;

2. Сифати кор хубтар мешуд агар муаллиф таъсири технологияҳои нав, аз қабили зеҳни сунъӣ ва таҳлили маълумоти калон (Big Data)-ро ба рушди хизматрасониҳои бонкӣ муфассалтар арзёбӣ менамуд.

**2. Тақриз аз Хоҷаева Д.А. –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети технологияиҳои инноватсионӣ ва баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд** бо чунин эрод:

1. Мувофиқи мақсад мебуд, ки таҷрибаи муваффақи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ муқоисатар таҳлил карда шавад.

2. Дар автореферат масъалаҳои вобаста ба хавфҳои киберамниятӣ ҳангоми рушди хизматрасониҳои электронӣ ба таври маҳдуд баррасӣ гардидаанд.

**3. Тақриз аз Обидова М. Р. – номзади илмҳои иқтисодӣ, котиби илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,** бо чунин эродҳо:

1. Аз нуқтаи назари илмӣ муҳтавои автореферати диссератсия боз ҳам пурра мегардид, агар муаллиф сатҳи пасти дастрасии хизматрасониҳои рақамии бонкиро зимни татбиқи фаъолияти инноватсионии муассисаҳои бонкӣ таҳқиқ менамуд;

2. Хуб мешуд, дар таҳқиқоти гузаронидашуда масъалаҳои вобаста ба татбиқи таҷрибаҳои давлатҳои хориҷи кишвар дар ҷорӣ намудани технологияҳои молиявӣ (Financial tehnology) низ мавриди омӯзиш қарор медод.

**4. Тақриз аз Имомназаров М.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Дар кор ( автореферат) муаллиф ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро оиди мафҳуми низоми хизматрасониҳои бонкӣ мавриди муҳокима ва таҳлил қарор додааст, лекин ақидаи худро нисбати мафҳуми мазкур ба таври возеҳ баён накардааст.

2. Агар дар автрореферат оиди такмил додани фаъолияти бонкҳои рақамӣ (необонкҳо) муфассал қайд мешуд, сатҳу сифати автореферат боз ҳам беҳтар мегардид.

Ҳамаи тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

***- консепсияи илмие асоснок шудааст, ки*** низоми хизматрасониҳои бонкиро дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ҳамчун маҷмуи мутақобилан алоқаманди маҳсулотҳо, хизматрасониҳо ва амалиётҳои молиявӣ мушаххас мекунад ва он дар заминаи синтези назариявии таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ сохторбандӣ ва гурӯҳбандӣ гардида, тавассути воситаҳои пешниҳодшудаи такмилдиҳӣ ба ташаккули самараноки муносибатҳои молиявию иқтисодӣ таъсири мусбат ва мустақим мерасонад.

***- исбот карда шудааст,*** ки ҷиҳати рушди босуръати самтҳои муҳимми низоми хизматрасониҳои бонкӣ тақвияти асосҳои институтсионалӣ зарур буда, таҳлили нишондиҳандаҳо собит месозад, ки дастрасии фосилавии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ ба яке аз самтҳои афзалиятнок мубаддал гаштааст, ки бояд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба инобат гирифта шавад ва дар ин замина инфрасохтори пардохтӣ ҳамчун асоси бунёдӣ ва самти калидии рушд арзёбӣ гардида, мукаммалгардонии он тавассути тақвияти фаъолияти инноватсионии ташкилотҳои қарзӣ ба равнақи бонкдории электронӣ заминаи мусоид мегузорад;

- роҳҳои ҳалли мушкилоти соҳа ва омилҳои рушд пешниҳод гардида, тавассути баланд бардоштани саводнокии молиявӣ, беҳтар кардани сифати маҳсулот ва тавсеаи хизматрасониҳои фосилавӣ нишон дода шудаанд ва дар асоси ин омилҳо ва бо истифода аз моделсозии иқтисодию риёзӣ, стратегия ва дурнамои илмии рушди ояндаи низоми хизматрасониҳои бонкӣ таҳия ва асоснок карда шудааст.

***- тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** А) таҳкими вазъи молиявӣ ва дастгирии давлатии ташкилотҳои қарзӣ. Барои таъмини устувории низоми хизматрасониҳои бонкӣ ва ҷалби сармоягузорӣ, зарур аст, ки нақши давлат дар таҳкими пояҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ мушаххас ва механизми дастгирии молиявии онҳо пурра роҳандозӣ карда шавад. Б) Густариши маҳсулотҳои инноватсионӣ ва адаптатсияи таҷрибаи хориҷӣ. Тавсия дода мешавад, ки санадҳои меъёриву хуқукии соҳа такмил дода шуда, дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ коркарди маҳсулотҳои рақамикунонидашуда ва пешниҳоди онҳо тавассути сомонаҳои расмии бонкӣ васеъ ҷорӣ карда шавад. В) Рақамикунонии комили хизматрасониҳои қарзӣ ва пасандозӣ. Стратегияи мушаххаси гузариш ба пешниҳоди онлайнии маҳсулотҳои қарзӣ ва қабули онлайнии пасандозҳо дар тамоми минтақаҳои кишвар таҳия ва амалӣ карда шавад, то дастрасии аҳолӣ ба сармоя ва ҷамъоварии маблағҳои озод осон гардад.

***- омили муҳимми мукаммалгардонии инфрасохтори пардохтӣ ва хизматрасонии 24/7/365*** ҳамчун заминаи асосии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тақвият дода шуда, фаъолияти бонкдории электронӣ ва хизматрасониҳои фосилавӣ дар реҷаи шабонарӯзӣ ва беҳудуд (24/7/365) асоснок шудааст. Аҳаммияти омилҳои таҷдиди муносибатҳои шартномавӣ бо назардошти манфиати мизоҷон ва таъмини устувории макроиқтисодӣ тавассути воридоти технологияҳои муосир таъкид шудааст. Тартиби таҳия ва бастани шартномаҳои қарзиву молиявӣ бояд бозбинӣ гардида, ба ҷойи ҳифзи якҷонибаи манфиатҳои бонкҳо, принсипи баробарҳуқуқӣ ва иштироки фаъоли мизоҷон (хусусан субъектҳои соҳибкории хурду миёна) риоя карда шавад. Асоснок шудааст, ки низоми бонкии кишвар бояд ҷоринамудани технологияҳои муосири молиявиро (FinTech) ба афзалияти аввалиндараҷа мубаддал созад, то

иқтидори миёнаравии молиявии худро пурра сафарбар намуда, ба рушди босуботи иқтисоди миллӣ такони ҷиддӣ бахшад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии диссертатсия бо консепсияи асосии назариявии мактабҳои иқтисодӣ мутобиқат намуда, нишон медиҳанд, ки бахши бонкӣ дар шароити рақамикунонӣ нақши меҳварӣ дорад, аммо пажӯҳишҳо пиромони сохтор ва унсурҳои он кофӣ нестанд. Аз ин рӯ, асосноккунии илмии рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ муҳим буда, самти калидии он бояд ба нияти қонеъ кардани талаботи ҷомеа ба иқтисоди рақамӣ тавассути ҷорикунонии инноватсияҳо нигаронида шавад.

- **исбот карда шудааст, ки:** а) сохтор ва унсурҳои институтсионалии низоми хизматрасониҳои бонкӣ мутобиқ ба воқеияти иқтисоди рақамӣ ва таҳти таъсири омилҳои дохиливу берунӣ фаъолият намуда, ҳамчун механизми ягонаи танзимкунандаи субъектҳои бозор баромад мекунанд; б) диверсификатсияи сохтории ин низом ва тавсеаи институтҳои он омили калидии густариши фарогирии молиявӣ (financial inclusion), ҳавасмандгардонии инноватсияҳо ва сода гардонидани пешниҳоди маҳсулотҳои бонкӣ мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

- ***ғояи асосии таҳқиқот*** дар он ифода меёбад, ки густариши низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни таҳияи консепсияи мушаххас ва мутобиқгардонии таҷрибаи пешқадами хориҷӣ (аз ҷумла кишварҳои Чин, Беларус ва Қазоқистон) ғайриимкон аст. Муаллиф истифодаи мақсадноки инноватсияҳо ва сода кардани дастрасии муштариён ба маҳсулотҳои бонкиро самтҳои афзалиятноке медонад, ки бояд аз таҷрибаи ин кишварҳо омӯхта ва ҷорӣ карда шаванд.

- ***самтҳои*** асосии таҳқиқот арзёбии вазъи кунунии низоми бонкиро тавассути таҳлили динамикаи дороиҳо ва тағйирёбии сохтори филиалҳову марказҳои хизматрасонӣ фаро гирифта, ба зарурати тақвияти зерсохтори хизматрасониҳо тавассути тавсеаи дастгоҳҳои худкор (банкоматҳо ва POS-терминалҳо), беҳтар намудани суръати интернет ва ҳавасмандгардонии андозӣ таваҷҷуҳ мекунад, ва дар ин замина, гузариш ба модели рақамии хизматрасонӣ, коркарди барномаҳои мобилӣ ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами бонкҳоро дар самти бонкдории электронӣ асосӣ медонад.

- ***омӯхта шудаанд:*** а) таҳияи маҳсулоти нави бонкӣ, ки бар асоси технологияҳои инноватсионӣ таҳия шудаанд; б) баланд бардоштани сатҳи дониши технологӣ ва молиявии шаҳрвандони кишвар; в) ҷорӣ намудани технологияҳо барои пешниҳоди ҳама гуна маҳсулоти бонкӣ онлайн; г) барқарор кардани ҳамкории устувор байни муассисаҳои қарзӣ, ки дар низоми бонкӣ фаъолият мекунанд; д) васеъ кардани шумораи воҳидҳои сохтории муассисаҳои қарзӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар; е) бозомӯзии кормандони муассисаҳои қарзӣ оид ба масъалаҳои рушди иқтисоди рақамӣ; ё) баланд бардоштани эътимоднокӣ тавассути татбиқи амалиёти муассир.

- методикаи умумияти илмӣ, таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳо, ҷамъбасткунӣ ва таҳияи хулосаҳои мантиқиву гипотезаҳо мавриди истифода қарор гирифта, собит намуданд, ки дар шароити густурдаи иқтисоди рақамӣ сифати хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун омили ҳалкунандаи нигоҳ доштани устувории

молиявӣ ва таҳкими эътимоди муштариён баромад мекунад; аз ин рӯ, барои арзёбӣ ва мутобиқ сохтани хизматрасониҳои ватанӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ истифодаи методҳои муосири байналмилалӣ, аз қабили SERVQUAL, SERVPERF, Mystery Shopping ва CSI, амри зарурӣ ва ҳатмӣ арзёбӣ мегардад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Амалиёти бонкӣ», «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз, бонк», «Технологияҳои инноватсионӣ дар бонкҳо » ва ғайраҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади 04.11.2024, № 528-1/дс). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар Раёсати КВД БА ҶТ “Амонатбонк” (санад аз 06.06.2025, № 3001/23-1491) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***консепсияи муаллифӣ*** ба он асос меёбад, ки низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ҳамчун механизми фарогиру инноватсионӣ дониста мешавад, ки сохтор ва гурӯҳбандии он ба синтези назарияҳои пешқадами хориҷӣ ва шароити муосири хоҷагидорӣ асос ёфта, мустақиман ба таҳкими муносибатҳои молиявӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ мусоидат мекунад.

- ***стратегияи*** рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ ба гузариши босуръат ба модели рақамӣ, тақвияти инфрасохтори пардохтӣ, густариши бонкдории электронӣ ва истифодаи моделикунонии иқтисодию риёзӣ барои пешгӯии дурнамои устувори молиявӣ нигаронида шудааст.

- **пешниҳод шудааст:** а) рақамикунонӣ ва инфрасохтор, тавсеаи шабакаи хизматрасониҳои фосилавӣ, мукаммал сохтани инфрасохтори пардохтӣ ва суръатбахшии равнақи бонкдории электронӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар; б) сифати хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани усулҳо ва стандартҳои муосири байналмилалии арзёбии сифат ҷиҳати баланд бардоштани эътимоди муштариён ва рақобатпазирии бонкҳо; в) идоракунии мушкилот ва дурнамо, бартараф сохтани монеаҳои соҳавӣ ва таҳияи дурнамои асосноки илмӣ барои рушди дарозмуддати низоми хизматрасониҳои бонкӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок пешниҳодшуда дар он хулоса мешавад, ки гузариши пайгиронаи ташкилотҳои қарзӣ аз хизматрасониҳои анъанавӣ ба моделҳои рақамиву фосилавӣ ва ҷорикунонии инноватсияҳои бонкӣ омили калидии таҳкими рақобатпазирӣ ва рушди бозори молиявӣ мебошад. Муаллиф тағйири парадигмаи хизматрасонӣ ва таъсири иҷтимоию иқтисодиро асоснок кардааст. Бартараф намудани мушкилоти назариявиву амалӣ имкон медиҳад, ки бонкдории электронӣ ва маҳсулотҳои фосилавӣ ба самти афзалиятнок мубаддал гардида, шаффофият ва суръати амалиёти молиявиро таъмин намоянд. Густариши маҳсулотҳои инноватсионӣ сафи муштариёнро афзуда, сифати хизматрасониҳоро беҳтар месозад ва дастрасии умумии аҳолиро ба низоми молиявӣ (фарогирии молиявӣ) ба таври назаррас боло мебарад.

- **равишҳои илмӣ ба таври зерин гурӯҳбандӣ ва мураттаб карда шудаанд: А)** Натиҷаҳои назариявии таҳқиқот: 1. Консепсияи маҷмӯии низоми хизматрасониҳо. Низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонӣ ҳамчун механизми ягонаи

танзимкунанда асоснок карда шуда, унсурҳои институтсионалии он бо назардошти омилҳои дохиливу берунӣ гурӯҳбандӣ ва тасниф гардиданд; 2. Арзёбии методологии сифат. Низоми назариявии арзёбии сифати хизматрасониҳо тавассути мутобиқсозии методҳои байналмилалии *SERVQUAL, SERVPERF, Mystery Shopping* ва *CSI* ба хусусиятҳои бозори молиявии Тоҷикистон ғанӣ гардонида шуд; 3. Асосноккунии модели дурнамосозӣ. Усулҳои моделсозии иқтисодию риёзӣ барои пешгӯии равандҳои рушд ва арзёбии таъсири бонкдории электронӣ ба устувории молиявӣ ва фарогирии молиявии аҳолӣ (*financial inclusion*) таҳия карда шуданд.

- ***усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 88,62% ва 89,59% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллифи рисолаи илмӣ дар такмили назарияи хизматрасониҳои бонкӣ саҳми арзанда гузоштааст; 2) дар тақвияти зерсохтори пардохтӣ ва ҳавасмандгардонии андозӣ. Тавсеаи шабакаи дастгоҳҳои худхизматрасон (*POS-терминалҳо, банкоматҳо*), беҳтар кардани суръати интернет дар минтақаҳо ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои ташкилотҳои қарзӣ; 3) густариши бонкдории электронӣ ва FinTech. Сода гардонидани дастрасии муштариён ба маҳсулоти бонкӣ тавассути коркарди барномаҳои муосири мобилӣ ва гузариши муназзам аз хизматрасониҳои анъанавӣ ба моделҳои рақамӣ; 4) Мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ ва таҷдиди шартномаҳо; 5) дар омода намудани 12 мақола, аз он ҷумла 8-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи « Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои б. 10.1; б. 10.10; б. 10.15; б. 10.19 ва б. 10.22 -и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 26.08.2026 қарори сазовор донистани Олимбекзода Фахрия Олимбек бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи

ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 14 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**26 августи соли 2026.**